# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР

аз 22 ноябри соли 2025 № 634

**ш. Душанбе**

Дар бораи Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Оиннома ва сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №544 «Дар бораи Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси<br>Ҳукумати Ҷумҳурии<br>Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 22 ноября 2025 года № 634

**г. Душанбе**

Об Уставе Таджикского национального университета

В соответствии со статьей 53 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, статьей 7 Закона Республики Таджикистан «О Таджикском национальном университете» и статьей 57 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Устав и структуру Таджикского национального университета (приложения 1 и 2).

2. Признать утратившим силу постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2021 года, №544 «Об Уставе Таджикского национального университета».

Председатель<br>Правительства Республики<br>Таджикистан Эмомали Рахмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «22» ноябри соли 2025, № 634

# ОИННОМАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Оинномаи мазкур) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ таҳия гардида, вазъи ҳуқуқӣ, ваколатҳо, вазифа, сохтор, фаъолияти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ, робитаҳои байналмилалӣ, молиявӣ, хоҷагӣ ва идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Муассиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Муассис) мебошад.

3. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Донишгоҳ) муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии худмухтор буда, ба Муассис тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Донишгоҳ фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, инчунин фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Муассис ва Оинномаи мазкур амалӣ менамояд.

5. Донишгоҳ муассисаи таҳсилоти олии касбии худмухтор буда, барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯйи доираи васеи соҳа (ихтисос)-ҳо амалӣ мегардонад, мутахассисони баландихтисос, илмӣ ва илмию омӯзгориро тайёр намуда, донишу малакаи онҳоро такмил дода, дар соҳаҳои гуногуни илм таҳқиқоти бунёдӣ ва амалиро анҷом медиҳад ва дар соҳаҳои фаъолияташ маркази пешбари таълимӣ, илмӣ ва методӣ мебошад.

6. Донишгоҳ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои тавозуни муҳосибии мустақил, суратҳисоби ягонаи ҷорӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳо, муҳр бо Нишони давлатӣ, сабти номи худ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ, бланк ва штампҳо буда, дорои молу мулки алоҳида, ягонагии ташкилӣ ва қобилияти ҳуқуқдории махсус мебошад.



7. Донишгоҳ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия суратҳисоби худро бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мекушояд, инчунин тибқи тартиби муқарраргардида маблағҳои озоди махсуси худро дар бонкҳо ҳамчун амонат мегузорад.

8. Маблағгузории Донишгоҳ ва шахсони ҳуқуқии тобеи он аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои махсуси Донишгоҳ ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, анҷом дода мешавад.

9. Донишгоҳ фаъолияти худро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, амалӣ менамояд.

10. Донишгоҳ стандартҳои давлатии таҳсилот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Донишгоҳ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба стандартҳои давлатии таҳсилот дар Донишгоҳро омода намуда, ба Муассис пешниҳод менамояд.

11. Барномаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисос (самт) ва нақшаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти амалкунанда аз ҷониби Шурои олимони Донишгоҳ тасдиқ карда мешаванд.

12. Донишгоҳ дар амалӣ намудани барномаҳо ва стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, рушди илм (татбиқи натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ), инноватсия, фарҳанг ва муносибатҳои байналмилалӣ мустақил мебошад.

13. Донишгоҳ фаъолияти соҳибкориро барои расидан ба мақсадҳои оинномавии худ ба роҳ мемонад. Донишгоҳ фаъолияти соҳибкориро дар самтҳои анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ, амалӣ намудани корҳои таҳлилӣ, амалӣ, технологӣ, ташкили натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонӣ ва амалисозии ҳуқуқ ба онҳо, хизматрасонии машваратӣ, иттилоотӣ, тиббӣ, хӯроки умумӣ, тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва самтҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

14. Донишгоҳ барои инкишофи робитаҳои гуногуни байналмилалӣ (гуманитарӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) ҳуқуқ дорад, ки дар мувофиқа бо Муассис филиалҳо ва намояндагиҳояшро дар дохил ва хориҷи кишвар кушояд.

15. Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандон ва таълимгирандагони Донишгоҳ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи коллективӣ ва шартномаҳои дигар муайян карда мешаванд.

16. Номи расмӣ ва пурраи Донишгоҳ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ чунин мебошад:

- бо забони давлатӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- бо забони русӣ – Таджикский национальный университет;

- бо забони англисӣ – Tajik National University.

17. Номи расмии кутоҳкардашудаи Донишгоҳ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ чунин мебошад:

- бо забони давлатӣ – «ДМТ»;
- бо забони русӣ – «ТНУ»;
- бо забони англисӣ – «TNU».

18. Суроғаи ҳуқуқии Донишгоҳ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, телефон: (992-37) 221-77-11, 221 23-96, факс: (992-37) 221-48-84, сомонаи расмӣ: www.tnu.tj ва почтаи электронӣ: tnu.int.re@gmail.com.

## 2. ҲУҚУҚ, ХУДМУХТОРӢ, ХУДИДОРА ВА ОЗОДИҲОИ АКАДЕМИИ ДОНИШГОҲ

19. Донишгоҳ дар қабули қарорҳо ва амалӣ намудани фаъолияте, ки аз Оиннома ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бармеояд, худмухтор ва мустақил аст.

20. Дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, тарбиявӣ, молиявию хоҷагӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва фаъолияти дигари Донишгоҳ, ба истисноп ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

21. Санҷиши фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигари Донишгоҳ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад.

22. Худмухторӣ қисми муҳимми ташкили раванди таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, равобити байналмилалӣ, тарбиявӣ ва муносибатҳои молиявию хоҷагӣ мебошад. Худмухторӣ шакли фаъолияти Донишгоҳ мебошад, ки масъулияташро дар назди Муассис муайян мекунад.

23. Донишгоҳ дорои ҳуқуқҳои зайл мебошад:

- тибқи қонунгузорӣ воҳиди сохторӣ (институти илмӣ-таҳқиқотӣ, донишкада ва академия, паркҳои технологӣ, марказ, коллеҷ, литсей ва дигар) дар, воҳиди асосӣ (факултет, кафедра, раёсат, шуъба, бахш) ва қисмҳои истеҳсолию таҷрибавӣ (озмоишгоҳ, пойгоҳҳои таҷрибавӣ, профилактория ва марказҳои саломатӣ) таъсис медиҳад;
- дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ, молиявию хоҷагӣ ва фаъолияти дигар, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, мустақил мебошад;
- ҷадвали басти вазифаҳои кормандони Донишгоҳ ва шахсони дигари ба фаъолият ҷалбшударо дар доираи фонди музди меҳнат муқаррар ва тасдиқ мекунад;
- тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ таҳсилоти фосилавӣ, ташкили корҳои илмию таҳқиқотӣ, робитаҳои байналмилалӣ ва тарбиявиро бо тартиби муқаррарнамудаи Муассис ҷорӣ менамояд;
- дар мувофиқа бо Муассис раванди таълимро дар асоси технологияи инноватсионӣ ва низоми таҳсилоти кредитӣ ташкил ва ҷорӣ менамояд;
- дар доираи муқаррарнамудаи иҷозатнома илова ба иҷрои фармоиши давлатӣ дар асоси шартномаҳои дахлдор бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутахассисонро омода менамояд;
- ихтиёран аз аккредитатсияҳои гуногуни ҷамъиятӣ мегузарад. Дар ин маврид мутобиқати фаъолияти Донишгоҳ ё барномаҳои алоҳидаи таълимӣ ба омилҳо ва талаботи ташкилотҳои аккредитатсиякунандаи миллӣ ё байналмилалӣ санҷида мешаванд;
- ҷиҳати истифодаи мақсадноки неруи зеҳнии ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён сохтори ташкилӣ, шакли таҳсил ва тадбирҳои ҳавасмандгардонии меҳнатиро муқаррар менамояд;
- ба ҳайати профессорону омӯзгорон барои таҳияи монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва маводди дигари таълимию методӣ ҳаққи қалам муқаррар менамояд;
- ба муассисаҳои илмию таълимӣ, ширкатҳо, корхонаҳо, иттиҳодияҳо, ташкилотҳо ё муассисаҳои байналмилалие, ки манфиатҳои умумиро ифода мекунанд (тайёр кардани мутахассисон, табодули омӯзгорону донишҷӯён, таҳқиқоти илмӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзӣ ва шаклҳои дигари фаъолият), тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд ё аъзо мешавад;
- тибқи талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ молу мулкеро, ки аз ҷониби Муассис вобаста карда шудааст, мувофиқи таъинот ва мақсадҳои пешбинигардида истифода менамояд ва дар ҳолати фарсудашавӣ ё гузаштани муҳлати истифода аз эътибор соқит мекунад;
- молу мулкеро, ки дар натиҷаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба даст меорад, мустақилона идора мекунад;
- дорои воҳидҳои иҷтимоӣ, табобатию варзишӣ, осоишгоҳҳо, муассисаҳои фароғатӣ-фарҳангӣ ва хоҷагии ёрирасон мебошад;
- бо ҳадафи ҷалби омӯзгорони хориҷӣ ба корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва машваратӣ музди меҳнати мутахассиони хориҷиро бо розигии мутақобила аз ҳисоби фонди музди меҳнат дар доираи харҷномаи ягонаи даромадҳо ва хароҷот тибқи тартиби пешбинишуда пардохт менамояд;
- дар асоси қарори Шурои олимон ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро ҳавасманд менамояд;
- дар лоиҳаҳои байналмилалии таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва ғайраҳо иштирок менамояд;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур корхонаҳо, коргоҳҳо ё сохторҳои дигари таълимӣ, илмию истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва филиалу намояндагии кафедраҳоро дар ташкилоту

муассисаҳо ташкил намуда, таҳсилоти дуалиро ба роҳ мемонад ва талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ мегардонад.

24. Худидоракунии Донишгоҳ дар чунин ҳолатҳо инъикос меёбад:

- амалӣ намудани қобилияти ҳуқуқдории оинномавӣ;

- амалӣ намудани раванди таълим, илм, муносибатҳои байналмилалӣ, тарбия, молиявию хоҷагӣ ва фаъолияти дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба роҳ мондани таълими донишҷӯён (бакалавр, мутахассис ва магистрон), аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон, коромӯзони илмӣ, табодули мутахассисон, пешбурди фаъолияти илмӣ ва фарҳангӣ, ташкили конференсияҳо, семинарҳо ва чорабиниҳои дигари таълимӣ, илмӣ, байналмилалӣ ва тарбиявӣ дар асоси шартномаҳои дутарафа ва бисёртарафа тибқи тартиби муқарраргардида;

- вобаста ба ҳаҷм ва намуди корҳои иҷрошаванда дар мувофиқа бо Муассис муайян намудани воҳиди кории кормандон, миқдори ҳамаи категорияҳои онҳо, ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони илмӣ, техникӣ ва ёрирасон, вазифаҳои деканҳо ва мудирони кафедраҳо, сардорони раёсатҳо, мудирони шуъбаҳо, сардорони бахшҳои гуногуни таълимию илмӣ (пажӯҳишгоҳ, институти илмӣ-таҳқиқотӣ, донишкадаҳо, марказҳо, коллеҷҳо, литсейҳо, паркҳои технологӣ, шуъбаҳо, озмоишгоҳҳо, клиникаҳо), инчунин ҳайати роҳбарикунандаи Донишгоҳ;

- тибқи тартиби муқарраргардида муайян намудани самт ва тартиби истифодаи маблағҳо аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои дигар, инчунин ҳиссаи онҳо, ки барои музди меҳнат ва ҳавасмандии моддии кормандон равона шудаанд;

- пешбурди ҳамкориҳои байналмилалӣ (омода намудани кадрҳо, таҳсили донишҷӯён, магистрон, докторантон, коромӯзони илмӣ, табодул ва такмили ихтисоси омӯзгорону кормандон ва ғайра) тавассути шартномаҳои баимзорасида бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷӣ;

- муайян намудани шакл ва андозаи музди меҳнати кормандон тибқи тартиби муқарраргардида;

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур муассиси маҷаллаҳо, нашриёҳо, нашриётҳо, радио, матбаа ва воситаҳои дигари ахбор будан;

- тайёр кардани мутахассисон, ба роҳ мондани табодул, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандон дар самти муайяни фаъолияти касбӣ;

- роҳандозии таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ.

25. Озодии академӣ ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

- истифодаи самарабахши неруи зеҳнӣ бо мақсади афзун гардонидани саҳми Донишгоҳ дар тайёр намудани кормандони илмӣ, илмию омӯзгорӣ ва мутахассисони дигар дар соҳаҳои гуногун;



- ташкил ва идораи раванди таълимию методӣ, фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, байналмилалӣ, ташкилию тарбиявӣ ва молиявию хоҷагӣ;

- таъмини алоқаи таълим ва таҳқиқоти илмӣ;

- истифодаи натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар раванди таълим;

- истифодаи натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва амалӣ.

26. Муассис дар доираи ваколати худ иҷрои қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, иҷозатнома, фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ ва молиявию хоҷагии Донишгоҳро бевосита назорат мекунад.

27. Аккредитатсияи давлатии Донишгоҳ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда мешавад.

28. Тартиби гузарондани имтиҳонҳои ҷорӣ ва аттестатсияи хатм аз ҷониби Шурои олимони Донишгоҳ муайян карда мешавад. Раиси комиссияи аттестатсияи хатм дар мувофиқа бо Муассис тибқи фармоиши ректори Донишгоҳ таъин карда мешавад.

29. Назорати мувофиқати фаъолияти таълимии Донишгоҳ ба талаботи Оинномаи мазкур, шартҳои иҷозатномаи фаъолияти таълимӣ ва талаботи дигари қонунгузории соҳаи маориф ва илм дар мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

30. Ба кормандони соҳаи омӯзгорӣ, аз ҷумла ба ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯёни Донишгоҳ озодиҳои академӣ дода мешавад, то мавзуи дарс (таълим)-ро бо усули тадриси худ дар доираи барномаҳои таълимӣ баён кунанд, мавзуи таҳқиқоти илмиро интихоб намоянд ва бо тарзу усулҳои худ онро гузаронанд, инчунин ба донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон, коромӯзони илмӣ ва кормандони дигари илмӣ дар донишомӯзӣ вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ озодӣ дода мешавад.

## 3. ВАЗИФА, СОХТОР ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ

31. Вазифаҳои асосии Донишгоҳ аз инҳо иборат мебошанд:

- қонеъ гардонидани талаботи шахс барои инкишофи қобилияти зеҳнӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ тавассути пешниҳоди таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ;

- таъмин намудани соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба мутахассисони баландихтисоси дорои таҳсилоти олии касбӣ бо доштани донишҳои касбӣ тавассути татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ;

- рушди илм ва иқтидори эҷодӣ тавассути фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ, донишҷӯён, магистрон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон, истифодаи дастовардҳо дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот;

- инкишоф додани худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва қобилияти кору зиндагии донишҷӯён дар шароити ҷаҳонишавӣ;

- ба роҳ мондани омӯзиш, табодул, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон, донишҷӯён, магистрон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон;

- ҳифз, нигаҳдорӣ ва оммафаҳм гардонидани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва илмӣ;

- ташкилу гузаронидани корҳои амалию таҷрибавӣ, илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои иқтисодиёти миллӣ равона карда мешаванд ва бо раванди таълим зич алоқаманд мебошанд;

- таъмини шароити мусоид барои гузаштани таҷрибаомӯзиҳо;

- ташкилу гузаронидани корҳои амалию таҷрибавӣ, илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ;

- тарғибу ташвиқи донишу малакаи муосир дар соҳаҳои мухталифи илм;

- таҳия ва нашри асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, дастурҳои методӣ, силлабус ва барномаҳои таълимӣ;

- тайёр кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ.

32. Донишгоҳ бо розигии Муассис воҳиди сохторӣ (институти илмӣ-таҳқиқотӣ, донишкада, академия, коллеҷ, литсей ва дигар)-ро дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия таъсис медиҳад, ки шахси ҳуқуқӣ буда, мустақилона самти мушаххаси фаъолияти онро амалӣ менамоянд.

33. Факултетҳои Донишгоҳ воҳидҳои сохторие мебошанд, ки шахси ҳуқуқӣ ҳисоб намешаванд.

34. Дар ҳудуди Донишгоҳ ҷойгир намудани воҳидҳои кори асосии ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба истиснои иттифоқи касабаи кормандони Донишгоҳ, иттифоқи касабаи донишҷӯён ва иттиҳодияи ҷамъиятии донишҷӯён, манъ аст.

35. Донишгоҳ муассиси маҷаллаҳои илмӣ, рӯзнома, нашрияҳо ва воситаҳои ахбори омма шуда метавонад.

36. Самтҳои фаъолияти Донишгоҳ:

- ташкил ва идоракунии ҷараёни таълим, сохтор, мазмун ва ҳаҷми барномаҳои таълимӣ;

- кор бо ҳайати кормандон, бозомӯзии касбии онҳо, андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати таъмин бо музди меҳнати арзанда, ҳавасмандгардонии маънавӣ ва моддии онҳо, таъмини дастрасӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳифзи иҷтимоии онҳо;

- таъмини шаклҳои муосири корҳои тарбиявӣ, баланд бардоштани эътибор ва нуфузи Донишгоҳ, эҳтироми омӯзгорон ва риояи одоби илмию омӯзгорӣ;

- тайёр намудани кормандони сатҳи олии касбӣ ва илмию омӯзгорӣ;

- қабули донишҷӯён, магистрон, аспирантон, докторантон ва кормандони дигари илмӣ, фароҳам овардани шароит барои донишомӯзӣ, дастрасӣ ба китобхона, синфхонаҳои замонавӣ, стипендия, хобгоҳ ва ғайра;

- ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ, назорати дохилӣ, таъмини коргузорӣ, кори бойгонӣ, самаранокии иқтисодиёти Донишгоҳ, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии Донишгоҳ;

- тавассути сомонаи интернетӣ, почтаи электронӣ, рӯзнома, маҷалла ва воситаҳои дигари ахбори омма, технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, китобхонаи электронӣ, такмил додани ҷараёни таълим, корҳои илмию таҳқиқотӣ, байналмилалӣ, тарбиявӣ ва иқтисодӣ;

- таъмини риояи қонунгузорӣ дар идоракунӣ ва самтҳои дигари фаъолияти Донишгоҳ;

- ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- рушди ҳамкории байналмилалӣ.

37. Донишгоҳ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо (идоракунӣ, молиявию хоҷагӣ, кадрӣ ва ғайра) масъул мебошад.

## 4. ИДОРАКУНИИ ДОНИШГОҲ

38. Идоракунии Донишгоҳ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, шартномаи коллективӣ амалӣ карда мешавад.

39. Донишгоҳ бо татбиқи усулҳои мувофиқати инфиродӣ ва дастаҷамъӣ низоми мақоми идоракунанда таъсис медиҳад.

40. Низоми мақомоти марказии идоракунандаи Донишгоҳ чунин мебошад:

- ректор;
- Шурои олимон;
- раёсати Донишгоҳ.

41. Ректори Донишгоҳ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

42. Ректор барои идоракунии дастаҷамъонаи Донишгоҳ раёсат (ректорат) ва Шурои олимонро таъсис медиҳад.

43. Шакли асосии фаъолияти раёсати Донишгоҳ ҷаласаҳо мебошад. Ҷаласаҳои раёсат аз ҷониби ректори Донишгоҳ даъват карда мешаванд.

44. Уҳдадорӣ ва ваколатҳои ректори Донишгоҳ аз инҳо иборатанд:

- вобаста ба вазифаю мақсадҳои Донишгоҳ таъмини иҷрои амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор;

- соҳибӣ ва истифода намудани молу мулки давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- такмил додани идоракунии Донишгоҳ ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои гузошташуда;

- ба Шурои олимони Донишгоҳ манзур намудани таклифҳо дар бораи ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Оинномаи мазкур;

- ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод намудани таклифҳо дар бораи ворид кардани кардани тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ;

- аз номи Донишгоҳ бе ваколатнома амал кардан, муаррифӣ ва ҳимояи манфиатҳои он дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- ихтиёрдории маблағҳои пулии Донишгоҳ бо риояи талаботи қонунгузорӣ;

- қабул ба кор, ба кори дигар гузаронидан, аз мансаби ишғолнамуда озод кардан, муваққатан ба вазифа таъин намудан, бастани шартномаи меҳнатӣ ва бекор кардани он, додани рухсатии меҳнатӣ, инчунин татбиқ намудани муҷозоти интизомӣ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар доираи ваколатҳои худ қабул намудани фармоиш, ки иҷрои онҳо барои кормандони Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад;

- тасдиқи оиннома ва низомномаҳои воҳидҳои сохторӣ, асосӣ ва ёрирасон;

- дар мувофиқа бо Муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани муовини аввал-муовини ректор оид ба таълим ва муовинони ректор;

- ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани декани факултетҳо;

- тибқи қарордод ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани роҳбарони воҳидҳои сохтории асосӣ ва ёрирасони Донишгоҳ;

- роҳбарӣ ба фаъолияти раёсат ва Шурои олимони Донишгоҳ;

- манзур намудани пешниҳод ба комиссияҳои олии аттестатсионии миллӣ ва хориҷӣ дар бораи таъсис ва барҳамдиҳии шуроҳои диссертатсионии назди Донишгоҳ;

- қабул, аз курс ба курсгузаронӣ, хориҷ, барқарор, иҷозат додан, гузариш ва ба комиссияи аттестатсионии хатм роҳ додани донишҷӯён, магистрон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон ва кормандони дигари илмию омӯзгорӣ:



- ба Муассис пешниҳод намудани ҳисоботи солонаи Донишгоҳ;

- дар ҳолатҳои зарурӣ даъват намудани ҷаласаи ғайринавбатии Шурои олимон;

- манзур намудани пешниҳод ва дархост оид ба масъалаҳои муҳимми фаъолияти Донишгоҳ ба Муассис;

- аз номи Донишгоҳ мустақилона баромад намуда, бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷи кишвар дар доираи созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расондани шартномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳум;

- амалисозии ваколатҳои дигар тибқи қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур.

45. Ректори Донишгоҳ ваколати ҳалли масъалаҳо вобаста ба самтҳои мувофиқи фаъолиятро тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба зиммаи муовинони ректор ё роҳбарони воҳидҳои сохторӣ вогузор карда метавонад.

46. Шурои олимони Донишгоҳ дар ҳайати ректор (раис), муовинони ректор, деканони факултетҳо, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, олимони варзида, намояндаи донишҷӯён ва кормандон, кормандони дигари илмию омӯзгорӣ ташкил карда мешавад. Раиси Шурои олимони Донишгоҳ дар ҳолатҳои зарурӣ вобаста ба зарурати истеҳсолӣ ҳайат ва миқдори аъзои Шурои олимонро тағйир медиҳад.

47. Ташкили бевоситаи фаъолияти Шурои олимони Донишгоҳ ба зиммаи котиби он гузошта мешавад. Раиси Шурои олимони Донишгоҳ номзадии котиби Шурои олимонро аз ҳисоби аъзои Шурои олимон барои интихоб шудан ба вазифа пешниҳод менамояд.

48. Тартиби кори Шурои олимон тибқи Низомномаи Шурои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи Шурои олимони Донишгоҳ амалӣ карда мешавад.

49. Шакли асосии фаъолияти Шурои олимон ҷаласа ба ҳисоб меравад. Ҷаласаи Шурои олимон ҳамон вақт салоҳиятнок дониста мешавад, ки агар аз се ду ҳиссаи аъзои он дар ҷаласа иштирок дошта бошанд. Қарори ҷаласаи Шурои олимон дар сурате қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад, ки агар аз нисф зиёди аъзои иштирокдошта ба ҷонибдории он овоз дода бошанд.

50. Ваколатҳои Шурои олимон:

- пешниҳоди таклифҳо доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо, инчунин таҷдиди назар кардани Оинномаи Донишгоҳ ва барои тасдиқ ба Муассис пешниҳод намудани онҳо;

- баррасӣ, муҳокима ва тасдиқи нақшаи кори Шурои олимон;

- баррасӣ, муҳокима ва тасдиқи нақшаи кори раёсати Донишгоҳ;

- муайян намудани масъалаҳои асосӣ доир ба амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра дар самти таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- муайян намудани масъалаҳои асосии амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимӣ, таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, байналмилалӣ, тарбиявӣ ва фаъолияти дигари Донишгоҳ, инчунин рушди стратегӣ ва идоракунии сифат ҷиҳати омода намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ;

- баррасӣ намудани масъалаҳои вобаста ба номгӯйи ихтисосҳо, курсҳои омӯзишӣ ва самтҳои онҳо, шаклҳои назорати донишазхудкунии донишҷӯён, мониторинги сифати таҳсилот, тақвими академии таҳсил, таҷрибаомӯзӣ ва таътил;

- баррасии масъалаҳои такмили идоракунии Донишгоҳ, аз ҷумла ташкил ё барҳамдиҳии воҳидҳои сохторӣ;

- баррасии масъалаҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Донишгоҳ;

- баррасии масъалаҳои таъсиси ихтисосҳо дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти олии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- муайян намудани талаботи дохилӣ барои ишғоли вазифаҳои профессор, дотсент ва кормандони дигари илмию педагогӣ;

- муқаррар ва татбиқ кардани имтиёзҳои воҳиди корӣ барои ишғол намудани вазифаҳои дотсент, профессор ва кормандони дигари илмию таълимӣ;

- баррасӣ ва тасдиқи стратегияи рушди Донишгоҳ, нақшаҳои дурнамо ва мавзуи пажӯҳишҳои илмӣ;

- баррасӣ ва қабули санадҳои дигари танзимкунандаи фаъолияти Донишгоҳ;

- баррасӣ ва тасдиқ намудани нақшаҳои рушди стратегии Донишгоҳ;

- баррасии ҳисоботи фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва муайян намудани вазифаҳои асосӣ барои рушди самти фаъолияти онҳо;

- интихоби аъзои комиссияи назоратию тафтишотӣ ва баррасию тасдиқи низомнома ва ҳисоботи он;

- интихоби довталабон ба тариқи озмун барои ишғоли вазифаҳои ҷойҳои холии ҳайати профессорону омӯзгорон;

- тасдиқ намудани номзадии олимон, ходимони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ барои дарёфти унвони «Профессори фахрии Донишгоҳ» ва дараҷаи «Доктори фахрии Донишгоҳ»;

- баррасӣ ва тасдиқи масъалаҳои дарёфти унвони илмӣ (дотсент ва профессор) барои манзур намудан ба комиссияҳои олии аттестатсионии миллӣ ва хориҷӣ;

- баррасии мавзуъҳо ва таъини роҳбарони илмии докторантон, инчунин ивази онҳо;

- муайян намудани номгӯй ва гирандагони стипендияҳои номӣ;

- тасдиқи барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимӣ;



- баррасии масъалаи муқаррар намудани иловапулиҳо (барои дараҷаи номзади илм ва доктор PhD) ва ҷубронпулиҳо;

- пешниҳоди номзадии кормандон барои дарёфти мукофотҳои давлатӣ, соҳавӣ ва ҷоизаҳои гуногун;

- ба чоп тавсия намудани китобҳои дарсии таҳияшуда аз ҷониби омӯзгорону кормандони Донишгоҳ;

- баррасии масъалаҳои тайёр намудан, такмили ихтисос, табодул ва ҳавасмандгардонии кадрҳо барои дохил шудан ба аспирантура, интернатура, ординатура, докторантура, постдокторантура ва тавсия додан барои гузаронидани кормандон ба вазифаи ходими илмӣ, ходими калони илмӣ ва анҷоми рисолаҳои докторӣ;

- қабули қарор оид ба амалисозии намудҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ ба омӯзгорону кормандон;

- баррасӣ ва тасдиқ намудани рухсатии эҷодӣ;

- амалӣ намудани индексатсияи музди меҳнати кормандон дар асоси маблағҳои махсуси Донишгоҳ;

- тасдиқ намудани нархномаи таҳсил ва мувофиқа намудани он бо мақомоти ваколатдори давлатӣ;

- тасдиқи ҳайат ва хулосаи комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ ва шуроҳои доимию муваққатан амалкунанда;

- баррасию тасдиқи нишон, суруд ва парчами Донишгоҳ;

- баррасӣ ва тасдиқи ҳисоботи роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва асосӣ;

- муҳокима ва баррасии масъалаҳои муҳимми фаъолияти Донишгоҳ;

- баррасии масъалаҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

51. Ба ҳайати Раёсати Донишгоҳ ректор (раис), муовинони ректор, деканони факултетҳо, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва олимону мутахассисони даъватӣ аз рӯйи зарурат дохил мешаванд. Роҳбарии бевоситаи фаъолияти Раёсат ба зиммаи ректор вогузор карда мешавад. Шумораи аъзои Раёсатро ректор муайян менамояд.

52. Раёсат тибқи нақшаи кори тасдиқшуда масъалаҳои таъҷилии идоракунӣ, раванди таълим, ҷараёни корҳои илмӣ, татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ, фаъолияти таълимӣ, таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ ва хоҷагии Донишгоҳро баррасӣ намуда, назорати иҷрои қоидаҳои тартиботи дохилӣ, қарорҳои Шурои олимон, ҷаласаҳои коллективи меҳнатӣ, шартномаи коллективӣ, шартномаи меҳнатӣ, нақшаҳои таълимӣ ва илмии Донишгоҳро ба роҳ мемонад.

53. Ҷаласаи Раёсат аз рӯйи нақшаи кори тасдиқнамудаи ректор дар як моҳ на камтар аз як маротиба даъват карда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ректор ҷаласаи ғайринавбатии Раёсатро даъват менамояд. Ҷаласаҳои Раёсатро ректор раисӣ менамояд. Ҳангоми набудани ректор бо

супориши ӯ дар ҷаласа муовини якуми ректор-муовини ректор оид ба таълим раисӣ мекунад.

54. Қарорҳои Раёсати Донишгоҳ барои иҷро аз ҷониби сохторҳо ҳатмӣ мебошад. Назорати иҷрои қарорҳои Раёсатро, ки аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ шудаанд, шахси ваколатдоршуда амалӣ менамояд.

55. Факултет воҳиди сохтории Донишгоҳ буда, фаъолияти факултетро декан роҳбарӣ менамояд.

56. Декани факултет дар доираи ваколатҳои худ амалҳои зеринро анҷом медиҳад:

- корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ ва корҳои дигарро дар сатҳи факултет роҳбарӣ мекунад;
- иҷрои нақша ва барномаҳо, ҷадвали ҷараёни таълимро таъмин ва назорат менамояд;
- иҷрои қарорҳои Шурои олимони Донишгоҳ, қарорҳои Раёсати Донишгоҳ ва шурои олимони факултетро таъмин менамояд;
- чорабиниҳои ташкили ҷараёни таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилотро баррасӣ ва амалӣ менамояд;
- дар бораи ҳаракати донишҷӯён ва паҳлуҳои дигари фаъолияти факултет ба Раёсат пешниҳод манзур менамояд;
- аттестатсияи кормандони илмиро дар факултет ташкил мекунад;
- масъалаҳои беҳдошти шароити зисту маишӣ, моддӣ ва саломатии донишҷӯёнро баррасӣ менамояд;
- назорати риояи меъёрҳои Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳро дар факултет таъмин месозад;
- мувофиқи Оинномаи мазкур ва низомнома дар бораи факултет масъалаҳои дигари мансуб ба ваколатҳояшро ҳал менамояд.

57. Дар факултет таҳти роҳбарии декан шурои олимон ташкил карда мешавад. Тартиби ташкил ва ваколати шурои олимони факултет мувофиқи низомномаи шурои олимони факултет муайян карда мешавад.

58. Кафедра воҳиди сохтории Донишгоҳ буда, фаъолияти он тибқи низомнома дар бораи кафедра ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд. Қарор дар бораи таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии кафедраро Шурои олимони Донишгоҳ қабул менамояд.

59. Кафедра намудҳои гуногуни фаъолиятро анҷом медиҳад. Кафедра вобаста ба иҷрои шартнома ва уҳдадориҳои дигари Донишгоҳ корҳои муайянро анҷом медиҳад.

## 5. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ДОНИШГОҲ

60. Фаъолияти таълимию методӣ дар Донишгоҳ вобаста ба муҳлат ва зинаҳои таҳсил дар асоси стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳ, барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад.



61. Самту усулҳои муосири таълим ва татбиқи онҳо дар асоси стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, иҷозатнома ва шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дода мешавад, амалӣ мегарданд.

62. Донишгоҳ бо мақсади таъмини самараноки таълим низоми музди кори арзанда, заминаҳои нави моддию техникӣ, иттилоотию иртиботӣ, иттилоотикунониро татбиқ намуда, инфрасохтори дигари пешбурди корҳои таълимию методӣ, таҷрибаомӯзӣ ва монанди инҳоро истифода мекунад.

63. Забони таҳсил дар Донишгоҳ забони давлатӣ (тоҷикӣ) мебошад. Барои ноил шудан ба сатҳи муассисаи таҳсилоти олии касбии байналмилалӣ ва қонеъгардонии эҳтиёҷоти субъектони раванди таълим Донишгоҳ ҳуқуқ дорад аз забонҳои дигар истифода намояд.

64. Донишгоҳ нақша ва ҷадвали раванди таълимро, аз ҷумла барои таълимоти инфиродӣ бо дар назар доштани сатҳи тайёрии пешакӣ, қобилиятнокӣ ва дархости фармоишгар таҳия ва тасдиқ менамояд.

65. Донишгоҳ бо роҳи ташкили мақсадноки ҷараёни таълим, интихоби тарзу усулҳои таълим барои донишҷӯён шароити зарурирo таъмин менамояд.

66. Ба корҳои дигар ҷалб намудани донишҷӯён, магистрон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон, истифода ва татбиқи усулҳои таълимие, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдид мекунад, манъ аст.

67. Донишгоҳ дар интихоби низоми баҳогузорӣ, шаклҳо, тартиби гузаронидани машғулият, шакли назорат ва баҳогузории имтиҳонҳои ҷорӣ, аттестатсияи донишҷӯён ва шунавандагон мустақил мебошад.

68. Дар Донишгоҳ ташкил ва роҳбарии корҳои илмию методӣ ба зиммаи шурои илмию методӣ вогузор карда мешавад. Ҳайати шурои илмию методӣ аз ҳисоби омӯзгорони ботаҷрибаи дорои дараҷаи илмӣ дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

69. Донишгоҳ муҳлат, тартиб ва сифати раванди таҷрибаомӯзиро дар Донишгоҳ ва ташкилотҳои дигар назорат менамояд.

70. Донишгоҳ ба хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм бомуваффақият гузаштаанд, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) ва нишони Донишгоҳ медиҳад.

71. Ба донишҷӯе, ки барномаи таҳсилоти олии касбиро пурра аз худ накардааст, тибқи қоидаҳои тасдиқшуда маълумотномаи академӣ дода мешавад.

## 6. ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ ДОНИШГОҲ

72. Вазифаи асосии Донишгоҳ дар самти фаъолияти илмӣ анҷом додани таҳқиқоти бунёдии илмию амалӣ, истифодаи дастовардҳои нави илмӣ ва техникӣ дар раванди таълим, таҳияи лоиҳаҳои илмӣ ба манфиати

мавзуъҳои афзалиятноки корҳои илмию таҳқиқотӣ мебошад. Донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ дар самтҳои афзалиятноки рушди илм, инноватсия, техника ва технология чораҳои амалӣ меандешад.

73. Ҳайати кормандони илмию педагогии Донишгоҳ тавассути таҳсил дар аспирантура, докторантура (доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос), доктори ҳабилитат, коромӯзӣ ва унвонҷӯӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ, илмию таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи он тайёр карда мешаванд.

74. Дар Донишгоҳ инфрасохтори илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ, ба монанди раёсат, шуъба, бахш, озмоишгоҳ, парки технологӣ, блог, майдони рақамӣ, кафедра, китобхона ва шуроҳои диссертатсионӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо, нашриёт ва ниҳодҳои дигари мусоидаткунанда ба фаъолияти илмӣ, ташхисӣ ва машваратӣ мавҷуд буда, дар пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва тиҷоратикунонии объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ замина мегузоранд.

75. Принсипи асосии фаъолияти илмию таҳқиқотии Донишгоҳ ҳамоҳангсозии он бо ҷараёни таълим, инчунин илмҳои соҳавӣ ва академӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии таҳқиқот вобаста ба самтҳои афзалиятноки илм, нигоҳдорӣ ва рушди мактабҳои илмӣ дар Донишгоҳ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар истеҳсолот, рушди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ мебошад.

76. Дар Донишгоҳ ба самти тайёр намудани кормандони илмӣ ва омӯзгорӣ, иттилоотикунонии субъектони муомилоти маданӣ оид ба дастовардҳои илмӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истисноӣ ба объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ диққати махсус дода мешавад.

77. Донишгоҳ корҳои илмию таҳқиқотиро аз рӯйи нақшаҳои тасдиқнамудаи Шурои олимон анҷом медиҳад.

78. Донишгоҳ захираҳои илмии худ (активҳои рақамӣ)-ро таъмин намуда, онро оқилона ва самарабахш истифода менамояд, сифати корҳои иҷрошаванда ва бехатарии шароити меҳнатро таъмин менамояд.

79. Донишгоҳ фаъолияти таҳририю интишорӣ, аз ҷумла нашри рӯзнома, маҷалла, маводди таълимӣ, маводди рақамӣ ва илмию методиро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

## 7. ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШГОҲ

80. Донишгоҳ ҳамкории байналмилалиро дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат, эътимоду боварии тарафайн, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ ва байнидонишгоҳӣ ба роҳ мемонад.



81. Донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои байналмилалии байнидонишгоҳӣ, иштироки фаъол дар барномаҳои созмонҳои байналмилалии соҳавӣ ва гузаронидани чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ чораҳои амалӣ меандешад.

82. Донишгоҳ робитаҳои байналмилалиро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, баъд аз таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии иловагӣ, фаъолияти илмӣ ва фаъолияти дигар дар шаклҳои зайл амалӣ мегардонад:

- даъват намудани омӯзгорон ва мутахассисони варзидаи хориҷӣ барои фаъолияти педагогӣ ва илмӣ;
- сафарбар намудани омӯзгорон, донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантони Донишгоҳ барои табодули академӣ, таҷрибаомӯзӣ, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, такмили ихтисос, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, инчунин ба аспирантура ва докторантура ба муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотии олии касбии давлатҳои хориҷӣ;
- иштирок дар барномаҳои дутарафа ва бисёртарафаи табодули донишҷӯён ва кормандони Донишгоҳ бо давлатҳои дигар дар асоси шартнома (2+2 барои зинаи бакалавриат ва 1+1 барои зинаи магистратура);
- амалӣ намудани лоиҳаҳои таҳқиқотии муштарак;
- амалӣ намудани таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ дар Донишгоҳ;
- амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва машваратӣ ба ташкилотҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ;
- гузаронидани ҳамоишҳо, конференсияҳо, семинарҳо, машваратҳо ва намоишҳои байналмилалӣ;
- таҳкими заминаи муосири таълимию методӣ ва илмии Донишгоҳ дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ;
- шомил гаштан ба иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо ва созмонҳои дигари касбии байналмилалӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъсиси шуроҳои диссертатсионии муштарак бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷи кишвар;
- ҳамкорӣ дар шаклҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

83. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳо, фондҳо ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ робитаи бевоситаро ба роҳ монад.

84. Донишгоҳ барномаҳои байналмилалии таълимӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамояд.

85. Маблағе, ки Донишгоҳ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меорад, ба ихтиёрдории он мегузарад. Маблағи мазкур барои рушди

соҳаи таҳсилот, илм, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва рушди иҷтимоии Донишгоҳ харҷ карда мешавад.

## 8. ФАЪОЛИЯТИ ТАРБИЯВИИ ДОНИШГОҲ

86. Донишгоҳ бо мақсади тарбияи шахсиятҳои дорои ахлоқи намунавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувият ва худогоҳии миллӣ, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор фаъолияти тарбиявиро ба роҳ мемонад.

87. Фаъолияти тарбиявии Донишгоҳ дар асоси Оинномаи мазкур, барномаҳои соҳавӣ, низомномаи шуъбаи тарбия ва нақшаҳои тасдиқшуда ба роҳ монда мешавад.

88. Донишгоҳ барои ташвиқу тарғиби иҷтимоӣ, ҷалби бештари донишҷӯён ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ ва дорои аҳаммияти калони иҷтимоию сиёсии давлатӣ чораҳои амалӣ меандешад.

89. Асоси методологии тарбия дар Донишгоҳ ташаккули тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки моҳияти он дар таҳкими Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба таърихи ниёгон ва дар таъмини амалишавии ҳадафҳои стратегии миллӣ ифода мегардад.

## 9. ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН, МАГИСТРАНТОН, АСПИРАНТОН, УНВОНҶӮЁН, ДОКТОРАНТОН АЗ РӮЙИ ИХТИСОС, ДОКТОРАНТОН, ПОСТДОКТОРАНТОН, КОРОМӮЗОН ВА КОРМАНДОН БА ДОНИШГОҲ. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

90. Қабули донишҷӯён, магистрантон, коромӯзон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон, кормандон ба Донишгоҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

91. Қабули донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон дар факултетҳои муштараки Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис тибқи шартномаву созишномаҳои байнимуассисавӣ амалӣ карда мешавад.

92. Дар Донишгоҳ донишҷӯён, магистрон, коромӯзон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон ва кормандон дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо мебошанд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

93. Дар Донишгоҳ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии донишҷӯён, магистрантон, коромӯзон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон ва кормандон кумитаҳои иттифоқи касаба фаъолият менамоянд.

## 10. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГӢ ВА ҲИСОБОТДИҲИИ ДОНИШГОҲ

94. Донишгоҳ ба молу мулки дар истифодаашбуда (биною иншоот, маҷмааҳои таълимӣ, таҷҳизот ва ашёи дигари зарурии таълимӣ, техникӣ,



фарҳангӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва ғайра) тибқи қонунгузорӣ, ҳадафҳои фаъолияти худ, супоришҳои Муассис ва таъиноти молу мулк ҳуқуқи идоракунии оперативӣ дорад.

95. Донишгоҳ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи пурраи маблағ, ашё ва намудҳои дигари молу мулкеро дорад, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барояш ҳадя намудаанд, ба тариқи хайрия додаанд ё мерос гузоштаанд.

96. Маҳсули алоҳидаи фаъолияти зеҳнӣ, ки зимни иҷрои вазифа ё супориши хизматӣ эҷод шудаанд (асарҳои хизматӣ), объекти ҳуқуқҳои истисноии Донишгоҳ мебошанд. Шахсони дигар бидуни иҷозати дахлдори Донишгоҳ, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, наметавонад аз асарҳои хизматӣ ройгон истифода намоянд.

97. Сарчашмаҳои ташаккули молу мулки Донишгоҳ ва маблағгузории фаъолият аз инҳо иборат аст:

- молу мулки давлатие, ки ба Донишгоҳ дода шудааст;
- маблағҳои буҷетии дахлдор, ки барои Донишгоҳ ҷудо гардидааст;
- даромад аз ҳиссаи Донишгоҳ дар воҳидҳои сохторие, ки шахси ҳуқуқӣ мебошанд;
- даромадҳое, ки аз амалӣ намудани шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои музднoки Донишгоҳ ба даст меоянд;
- ҳадя, хайрия ва мероси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- даромад аз истифодаи объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнии Донишгоҳ;
- даромад аз фаъолияти хоҷагии Донишгоҳ;
- даромади дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур манъ нашудааст.

98. Донишгоҳ нақшаи қабули донишҷӯён, мутахассис, магистратура, аспирантура, докторантураи PhD, доктор ҳабилитат ва постдокторантураро, новобаста аз шакли маблағгузорӣ, дар доираи нақшаҳои қабуле, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста мешавад, ба роҳ мемонад. Қабули унвонҷӯӣ ва коромӯзи илмӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад.

99. Донишгоҳ дар пешбурди корҳои шартномавӣ, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, мустақил мебошад.

100. Амалиёти молиявӣ тибқи супориши Донишгоҳ ва баҳисобгирии он аз ҷониби мақоми хазинадорӣ ба воситаи суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ ва суратҳисоби асъории хазинадорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

101. Донишгоҳ танҳо дар мувофиқа бо Муассис ва мақомоти хазинадории давлатӣ метавонад дар ташкилотҳои дигари молиявию қарзӣ суратҳисобҳои пулӣ кушояд.

102. Донишгоҳ ҳамчун аъзои ассотсиатсияҳои низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мақоми ҳуқуқии худро нигоҳ медорад ва танҳо аз рӯйи ухдадориҳои ассотсиатсия дар ҳаҷм ва бо тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия муқарраршуда ҷавобгарии иловагӣ (субсидиарӣ) дорад.

103. Донишгоҳ аз ҳисоби маблағҳои махсус метавонад ба маоши вазифавии кормандон иловапулӣ муқаррар намояд. Андозаи иловапулӣ ва пардохтҳои дигарро Шурои олимон ва ректори Донишгоҳ бо дарназардошти самаранокии фаъолияти корманд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

104. Донишгоҳ бо мақсади ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба ва омӯзгорони унвондори дохилию хориҷӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар асоси харҷномаи ягонаи даромаду хароҷот музди меҳнат муайян менамояд.

105. Донишгоҳ ҳисоботдиҳии оперативӣ ва молиявӣ аз натиҷаҳои фаъолияти кори худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад, бо шакли муқарраршуда баҳисобгирии муҳосибӣ, оморӣ ва бойгониро пеш бурда, аз рӯйи онҳо ба Муассис ҳисобот пешниҳод менамояд.

106. Донишгоҳ ба мақомоти молия, андоз, омор ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи соҳавӣ пешниҳод менамояд.

107. Давраи ҳисоботӣ дар Донишгоҳ аз 1-уми январ оғоз ёфта, 31-уми декабри соли тақвимӣ анҷом меёбад.

108. Донишгоҳ дар асоси талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои дигари ҳуқуқии соҳавӣ ҳуқуқи истиснoии пурра ва ё қисман озод кардани таълимгирандагонро аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил дорад.

## 11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

109. Қатъ шудани фаъолияти Донишгоҳ тариқи барҳам додан ва ё азнавташкилдиҳӣ (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо шудан, табдил ёфтан)-и он амалӣ карда мешавад.

110. Қатъ шудани фаъолияти Донишгоҳ ҳамчун муассисаи давлатии дорои аҳаммияти иҷтимоӣ дар ҳолатҳои истисно ва танҳо дар асоси қарори Муассис амалӣ мегардад.



Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «22» ноябри соли 2025, № 634

## Сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

1. Роҳбарият
2. Шурои олимон
3. Раёсати таълим
4. Раёсати илм
5. Раёсати инноватсия
6. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
7. Раёсати муҳосибот
8. Раёсати маъмурию хоҷагӣ
9. Шуъбаи ҳуқуқ
10. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ
11. Шуъбаи тарбия
12. Шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо
13. Шуъбаи бехатарӣ
14. Факултети механикаю математика
15. Факултети физика
16. Факултети химия
17. Факултети биология
18. Факултети геология
19. Факултети иқтисод ва идора
20. Факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ
21. Факултети молиявию иқтисодӣ
22. Факултети журналистика
23. Факултети филологияи рус
24. Факултети забонҳои Осиё ва Аврупо
25. Факултети филология
26. Факултети муносибатҳои байналмилалӣ
27. Факултети таърих
28. Факултети ҳуқуқшиносӣ
29. Факултети фалсафа
30. Факултети фарматсевтӣ
31. Факултети тиббӣ
32. Факултети стоматологӣ
33. Факултети муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии Беларус
34. Корхонаи воҳиди давлатии «Маҷмааи варзишӣ»-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

35. Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
36. Институти илмию таҳқиқотӣ
37. Институти Конфутсий
38. Парки технологӣ
39. Литсейи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон



Приложение 1
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от «22» ноября 2025 года, № 634

# УСТАВ ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Устав Таджикского национального университета (далее – настоящий Устав) разработан на основе законов Республики Таджикистан «О Таджикском национальном университете», «О высшем и послевузовском профессиональном образовании» и других соответствующих нормативных правовых актов и определяет правовой статус, полномочия, обязанности, структуру, образовательную, научную и воспитательную деятельность, международные связи, финансово-экономическую и управленческую деятельность Таджикского национального университета.

2. Учредителем Таджикского национального университета является Правительство Республики Таджикистан (далее – Учредитель).

3. Таджикского национального Университет (далее – Университет) является автономным государственным учреждением высшего профессионального образования, подчиненным и подотчетным Учредителю.

4. Университет осуществляет свою деятельность в соответствии с Конституцией Республики Таджикистан, законами Республики Таджикистан «О Таджикском национальном университете», «Об образовании», «О высшем и послевузовском профессиональном образовании» и другими нормативными правовыми актами Республики Таджикистан, международно-правовыми актами, признанными Таджикистаном, а также указами и распоряжениями Президента Республики Таджикистан, постановлениями и распоряжениями Учредителя и настоящим Уставом.

5. Университет является автономным высшим профессиональным образовательным учреждением, реализующим образовательные программы высшего и послевузовского профессионального образования по широкому спектру направлений (специальностей), осуществляющим подготовку высококвалифицированных, научных и научно-педагогических кадров, повышение их знаний и навыков, проводящим фундаментальные и прикладные научные исследования в различных областях науки и является ведущим учебным, научным и методическим центром в сферах своей деятельности.

6. Университет является юридическим лицом, имеет самостоятельный бухгалтерский баланс, единый текущий счет в национальной и иностранной валютах в Главном управлении казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, банках,

печать с изображением Государственного герба, регистрацию своего наименования на государственном и русском языках, бланки и штампы, обладает обособленным имуществом, организационным единством и особой правоспособностью.

7. Университет по согласованию с уполномоченным государственным органом в сфере финансов, открывает расчетные счета в национальной и иностранной валютах в банках Республики Таджикистан, а также в установленном порядке размещает свободные целевые средства в банках в виде вкладов.

8. Финансирование Университета и подведомственных ему юридических лиц осуществляется за счет средств государственного бюджета, специальных фондов Университета и иных источников, не запрещенных законодательством Республики Таджикистан.

9. Университет осуществляет свою деятельность на основе государственных образовательных стандартов в Таджикском национальном университете, утвержденных Правительством Республики Таджикистан.

